**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-19 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, бинои 11)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Мавзуи интихобнамудаи Қурбонзода Афзуна Азим таҳти унвони "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар замони муосир мубрам ва саривақтӣ мебошад. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо зарурати таъмини амнияти миллӣ ва такмили сиёсати ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити афзоиши таҳдидҳои муосир асоснок мегардад. Тахрибкорӣ ҳамчун яке аз ҷиноятҳои хавфнок ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ, бо пайдоиши шаклҳои нав, аз ҷумла ҳамлаҳои киберӣ, усулҳои биологӣ ва дигар воситаҳои муосир, мазмуни худро тағйир дода, ба иқтисодиёт, инфрасохтор ва иқтидори мудофиавии давлат таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамзамон, мавҷуд будани мушкилоти назариявӣ ва амалии фарқгузории тахрибкорӣ аз терроризм, номукаммалии баъзе меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва зарурати мутобиқсозии онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, аҳаммияти таҳқиқоти амиқ ва комплексиро дар ин самт тақвият медиҳад. Аз ин рӯ, омӯзиши илмии масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ва пешниҳоди роҳҳои такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дорои аҳамияти хос ва саривақтӣ мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад.

Дар боби якуми рисола, ки ба масъалаҳои таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил натиҷаҳои мушаххаси илмии зеринро қайд кардан мумкин аст:

а) вобаста ба масъалаи таҳлили таърихию эволютсионии ҷинояти тахрибкорӣ бори аввал дар доираи як таҳқиқоти комплексӣ равандҳои таърихии ташаккул ва таҳаввули тахрибкорӣ аз давраҳои шуравӣ то замони муосир асоснок гардидааст. Аҳамияти илмии ин пешниҳод дар таҳияи модели назариявии эволютсияи тахрибкорӣ ҳамчун ҷиноят бар зидди амнияти давлатӣ, ки ба тағйироти сиёсӣ, технологӣ ва геополитикӣ вобаста аст, ифода мегардад. Пешниҳоди мазкур аҳаммияти амалӣ низ дорад ва он дар фароҳам овардани замина барои мутобиқсозии қонунгузории ҷиноятӣ ба таҳдидҳои муосир, аз ҷумла шаклҳои нави тахрибкорӣ дар шароити сулҳомез ва рақамикунонӣ ифода мегардад.

б) диссертант тавонистааст таҳияи мафҳуми муаллифии мукаммали тахрибкориро пешниҳод намояд. Пешниҳоди таърифи илмии мукаммал, ки дар он

тахрибкорӣ ҳамчун падидаи комплексӣ бо дарназардошти омилҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян карда шудааст, навгонии он ба ҳисоб меравад.

В) дар асоси таҳлили КҶ давлатҳои узви ИДМ пешниҳод мегардад, ки дар КҶ ҶТ таркибҳои зерини нав, ки бо тахрибкорӣ алоқаманданд, пешбинӣ карда шавад:

Моддаи 309.1 (Ташкили таълим ва гирифтани таълими хусусияти тахрибкоронадошта)

1. Ташкили таълим ё гирифтани таълими хусусияти тахрибкоронадошта, инчунин роҳбарӣ ё иштирок дар чунин таълим новобаста аз ҷой ва шакли таълим ... ҷазо дода мешавад.

2. Ҳамин кирдор, агар:

– бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад;

– бо маблағгузорӣ намудани чунин кирдор алоқаманд бошад ... ҷазо дода мешавад.

Моддаи 309.3 (Ташкили гурӯҳи тахрибкорона ё иштирок дар он)

1. Ташкил ва таъмини фаъолияти гурӯҳи тахрибкорона ва сохторҳои таркибии он ... ҷазо дода мешавад.

2. Иштирок дар гурӯҳи тахрибкорона ... ҷазо дода мешавад.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии кодексҳои ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ, бори аввал дар доираи илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ зарурати ворид намудани таркибҳои мустақили нави ҷиноятӣ, ки ба пешгирии фаъолияти тахрибкорона равона шудаанд, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Аз ҷумла, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои нави 309.1 «Ташкили таълим ва гирифтани таълими хусусияти тахрибкоронадошта» ва 309.3 «Ташкили гурӯҳи тахрибкорона ё иштирок дар он» ворид карда шаванд. Ин пешниҳодҳо бо он фарқ мекунанд, ки онҳо на танҳо амалҳои анҷомёфтаи тахрибкориро, балки марҳилаҳои омодагӣ ва ташкили онро низ фаро мегиранд. Бо ин роҳ, модели нави танзими ҳуқуқӣ пешниҳод мегардад, ки ба криминализатсияи рафторҳои пешазҷиноятӣ нигаронида шуда, ба пешгирии барвақтии тахрибкорӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, дар доираи навгонии илмӣ, муаллиф аломатҳои бандубастшавандаи чунин кирдорро, аз қабили истифодаи мақоми хизматӣ ва маблағгузории фаъолияти тахрибкорона, ба таври низомнок пешниҳод намудааст, ки ин ба дифференсиатсияи ҷавобгарии ҷиноятӣ мусоидат мекунад. Аҳаммияти илмии пешниҳодҳо дар рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили институтҳои марбут ба ҳифзи амнияти миллӣ ифода меёбад. Пешниҳод намудани таркибҳои мустақили ҷиноятӣ барои ташкили таълими тахрибкорона ва таъсиси гуруҳҳои тахрибкорона имкон медиҳад, ки фаҳмиши илмӣ оид ба сохтори ҷинояти тахрибкорӣ васеъ гардида, он ҳамчун низоми мураккаби фаъолият (аз омодагӣ то иҷро) баррасӣ шавад. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот ба ғанӣ гардонидани доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти криминализатсияи рафторҳои дорои хатари баланд, ки ҳанӯз ба марҳилаи анҷоми ҷиноят нарасидаанд, мусоидат менамоянд. Ин равиш ба рушди консепсияи пешгирии барвақтии ҷинояткорӣ ва таҳкими асосҳои назариявии сиёсати ҷиноятии муосир мусоидат мекунад. Аз ҷиҳати амалӣ, татбиқи пешниҳодҳои мазкур метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти ошкор, пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти тахрибкорона мусоидат

намояд. Криминализатсияи ташкили таълим ва гурӯҳҳои тахрибкорона имкон медиҳад, ки чунин кирдорҳо дар марҳилаҳои ибтидоӣ муайян ва пешгирӣ карда шаванд, ки ин барои ҳифзи амнияти давлатӣ ва устувории сохти конститутсионӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ҳамин тариқ, пешниҳодҳои муаллиф дорои навгонии назаррас ва аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳамчун заминаи устувор барои такмили минбаъдаи КҶ ҶТ ва рушди сиёсати ҷиноятии миллӣ хизмат намоянд.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки ба масъалаҳои тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии унсурҳои таркбии ҷинояти тахрибкорӣ бахшида шудааст, чунин натиҷаҳои мушаххаси илмиро қайд кардан мумкин аст:

а) диссертант пешниҳод менамояд, ки объекти тахрибкорӣ хусусиятҳои ҳуқуқии муҳим дорад, аз он, ки тахрибкорӣ аз нуқтаи назари объективӣ метавонад дар шаклҳои гуногун сурат гирад, аммо на ҳамаи онҳо хусусияти предмети ҷиноятро доранд. Дар чунин шароит он асарҳои илмӣ сазовори тавзеҳҳои интиқодӣ мебошанд, ки дар онҳо предмети тахрибкорӣ новобаста ба шаклҳои ҷиноят номбар карда мешавад. Дар чунин мавридҳо хавфи бандубасти нодурусти м. 309 КҶ ҶТ вуҷуд дорад, ки дар натиҷаи нодуруст фаҳмидани амалкунанда ба вуҷуд омадааст ва дар он предмети мушаххас хусусияти ҳатмии таркиби тахрибкорӣ мебошад. Аз ин рӯ, он муаллифоне, ки объектҳои тахрибкориро, ки танҳо ба шаклҳои муайяни содир кардани чунин ҷиноят марбутанд, ҷудо мекунанд. Бо дарназардошти он ки предмети ҷиноят наметавонад ҳаёт ва саломатии одамон бошад, мо пешниҳод мекунем, ки навъҳои зерини объектҳои тахрибкорӣ ҷудо карда шаванд: 1) объектҳое, ки аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд; 2) қаламрав – ҳангоми содир намудани амалҳое, ки ба олудагии радиоактивӣ нигаронида шудаанд; 3) ҳайвонот – ҳангоми содир кардани амалҳое, ки ба заҳролудии оммавӣ ё паҳн шудани эпизоотия нигаронида шудаанд; 4) рустаниҳо – ҳангоми иҷрои амалҳое, ки ба паҳн шудани эпифитотия нигаронида шудаанд.

Пешниҳоди диссертант дар самти дақиқсозии объекти тахрибкорӣ дорои аҳаммияти назарраси илмӣ мебошад, зеро он ба рушди минбаъдаи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар масъалаи таркиби ҷиноят мусоидат менамояд. Муаллиф бо асосноккунии илмӣ нишон медиҳад, ки дар тахрибкорӣ на ҳамаи шаклҳои содиршавии кирдор метавонанд дорои предмети бевоситаи ҷиноят бошанд ва омехтани мафҳумҳои «объект» ва «предмет» боиси хатогиҳои назариявӣ ва амалии ҷиддӣ мегардад. Навгонии илмии ин равиш дар он ифода меёбад, ки муаллиф бар хилофи баъзе ақидаҳои мавҷуда, ки предмети тахрибкориро ба таври умумӣ ва бидуни вобастагӣ ба шакли содиршавии ҷиноят муайян менамоянд, пешниҳоди дифференсиатсионии объектҳои тахрибкориро пеш мегузорад. Ин равиш имкон медиҳад, ки таркиби ҷиноят аз нуқтаи назари илмӣ дақиқтар муайян гардида, ҳудуди татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ равшан гардад.

в) диссертант асоснок намудааст, ки шакли асосии содир гардидани тахрибкорӣ содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон кардани корхонаву иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ равона шудааст, мебошад. Хавфи баланди ҷамъиятӣ ва таҷрибаи хуби давлатҳои хориҷии вобатста ба танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ба назар гирифта, муаллиф дар консепсияи илмии худ пешниҳоди

асоснок намудааст, ки дар таркиби тахрибкорӣ криминализатсия намудани чунин ҳолатҳо зарур ва саривақтӣ мебошад: а) кримализатсия намудани шакли муосири содир намудани амалҳои тахрибкорона ва бо ҳамин мақсад ба диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ ворид намудани ибораи «ҳамлаҳои киберӣ»; б) оқибатҳои амалҳои тахрибкориро ба назар гирифта, ба диспозитисия м. 309 КҶ ҶТ ворид намудани ибораи «ба куштори оммавии одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё расонидани зарари дигар ба саломатии онҳо» зарур мебошад; в) кримализатсия намудан ва ба таркиби тахрибкорӣ ворид намудани чунин шаклҳои содир намудани амалҳои таҳрибкорона ва монанди захролудшавии оммавӣ, пахн намуданӣ эпидемия, эпизоотия ё эпифитотиҳо;

в) мақсади ноустувор кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ аломати ҳатмии тарафи субъективии тахрибкорӣ мебошад, ки ба бандубасти тахрибкорӣ ва ҷудо кардани он аз ҷиноятҳои монанд таъсири назаррас мерасонад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ он ба таври дигар фаҳмида мешавад. Диссертант пешниҳод менамояд, ки мақсади ноустувор сохтани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ дар тахрибкорӣ ҳамчун маҳдуд кардани имконоти давлат барои иҷрои вазифаҳо ва уҳдадориҳои конститутсионии муайянкарда дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон фаҳмида шавад ва ҳангоми дар амал татбиқ кардани он бо истинод ба моддаи мушаххаси Конститутсия муайян карда шавад.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки ба масъалаҳои тафовути ҷинояти тахрибкорӣ аз терроризм ва дурнамои рушди қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ бахшида шудааст, чунин натиҷаҳои мушаххаси илмиро қайд кардан мумкин аст:

а) бо мақсади бартараф намудани мушкилоти амалии бандубасти (квалификатсияи) ҷиноятҳо, диссертант пешниҳод менамояд, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри махсус ё тавзеҳи расмӣ ворид карда шавад, ки дар он меъёрҳои дақиқи фарқгузорӣ ва қоидаҳои ҳалли рақобати байни моддаҳои 309 (тахрибкорӣ) ва 179 (амали террористӣ) муқаррар гарданд. Ин тавзеҳ бояд бо дарназардошти аломатҳои объективӣ, субъектӣ, мақсади ҷиноят ва хусусиятҳои таркиби онҳо таҳия гардида, ба таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва пешгирии хатогиҳои квалификатсионӣ мусоидат намояд.

б) диссертант асоснок менамояд, ки таърифи ҳозираи ҷинояти тахрибкорӣ дар м. 309 КҶ ҶТ асосан ба шаклҳои классикии тахрибкорӣ, аз қабили таркиш, сӯхтор ва харобсозии иншоот нигаронида шуда, шаклҳои нави таҳдидноки тахрибкориро, ки дар шароити муосир васеъ истифода мешаванд, фаро намегирад. Дар ҳоле ки амалҳое чун захролудсозии оммавӣ, паҳнсозии бемориҳои сироятии одамон (эпидемия), ҳайвонот (эпизоотия) ва растаниҳо (эпифитотия), ки тавассути усулҳои биологӣ, химиявӣ, радиологӣ ва ҳатто киберӣ содир мешаванд, аз ҷиҳати хавфнокии иҷтимоӣ ва стратегӣ дорои таъсири азим мебошанд. Аз ин рӯ, ворид намудани ин шаклҳои тахрибкорӣ ба таркиби м. 309 КҶ ҶТ зарур аст, то ки қонунгузорӣ ба сатҳи таҳдидҳои воқеии амниятӣ мутобиқ гардад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат чунин эродҳои зерин ба мазмун ва сохтори диссертатсия пешниҳод мегарданд:

1. Дар қисмати таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, гарчанде таҷрибаи давлатҳои узви ИДМ баррасӣ шудааст, вале истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷии дур (Аврупо,

ИМА ва ғайра) метавонад доираи таҳқиқотро васеътар ва арзиши илмии онро баландтар намояд.

2. Пешниҳодҳои марбут ба криминализатсияи шаклҳои нави тахрибкорӣ (ҳамлаҳои киберӣ, эпидемия, эпизоотия ва ғайра) ҷолибанд, аммо хуб мешуд масъалаи ҳудудгузории онҳо аз дигар ҷиноятҳо (масалан, ҷиноятҳои киберӣ ё ҷиноятҳои зидди саломатии аҳолӣ) пешниҳод мегардид.

Албатта, эроду тавсияҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд.

Хулоса. Аз омӯзиши ҳамаҷонибаи матни пурраи автореферат чунин хулоса бармеояд, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонзода Афзуна Азим дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ анҷом дода шуда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, махсусан ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.


**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Н.Ф.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рӯдакӣ,
ҷ/д Чоряккорон, д. Меҳробод, хонаи 90
E-mail: nekruz-0101@mail.ru
Тел.: (+992) 918559828


Имзои Сафарзода Н.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ Насурдинзода А.Н.


**Суроғаи муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33; **Тел.:** 224-17-86, 224-83-93 (факс); **E-mail:** info@apa.tj


«30» 04 соли 2026